Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА — 014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон бо суроғаи: ш. Душанбе, 734067,
кучаи Нахимов, 64/14

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.

Вобаста ба тағйиротҳои ҷаҳони муосир дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва молиявӣ бо суръати баланд идома дорад. Низоми бонкӣ низ зери таъсири ин раванд қарор дошта, истифодаи технологияҳои рақамӣ ба яке аз самтҳои асосии рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи навовариҳои бонкӣ ҳамчун омили рақамикунонии иқтисодиёт аҳаммияти махсус дорад.

Мавзӯи диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим ба яке аз масъалаҳои мубрами илми молия ва низоми бонкӣ бахшида шуда, аҳаммияти назариявию амалии он бо талаботи рушди иқтисоди муосир алоқаманд мебошад.

Дар автореферат муаллиф моҳияти навовариҳои бонкиро таҳлил намуда, самтҳои асосии истифодаи технологияҳои муосир дар фаъолияти бонкҳоро муайян кардааст. Таваҷҷуҳи муаллиф ба рушди хизматрасониҳои рақамӣ, такмили воситаҳои пардохтӣ ва баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ равона шудааст.

Нуктаи муҳими таҳқиқот дар он мебошад, ки навовариҳои бонкӣ ҳамчун воситаи тағйирдиҳандаи муносибатҳои байни муассисаҳои молиявӣ ва муштариён баррасӣ шудаанд. Технологияҳои рақамӣ имконият медиҳанд, ки хизматрасониҳои молиявӣ зудтар, қулайтар ва бо истифодаи воситаҳои муосири иртиботӣ пешниҳод карда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушди низоми молиявии миллӣ низ аҳаммияти муайян дошта бошанд. Ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ метавонад ба рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, баланд гардидани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва беҳтар шудани сифати хизматрасонии бонкӣ мусоидат намояд. Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо дар автореферат баъзе норасоиҳоро низ

Scanned with CamScanner

мушоҳида намудан мумкин аст, ки онҳо ба арзиши илмии рисола дар сатҳи маҷмӯй таъсир намерасонанд ва инҳоро дар бар мегирад:

1. Дар автореферат масъалаи рушди хизматрасониҳои рақамӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, аммо таъсири онҳо ба сатҳи фарогирии молиявии аҳолӣ ва дастрасии гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон метавонад бештар инъикос ёбад.

2. Баъзе пешниҳодҳои муаллиф хусусияти умумӣ дошта, дар ҳолати мушаххас намудани механизми татбиқи онҳо дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ аҳаммияти амалии таҳқиқот боз ҳам баландтар мегардид.

Ин эрод хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши умумии таҳқиқотро коҳиш намедиҳад.

Автореферати пешниҳодшуда дорои сохтори мантиқӣ буда, масъалаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаҳои илмӣ, пешниҳодҳои муаллиф ва аҳаммияти амалии онҳо дар он инъикос гардидаанд. Мазмун ва натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки муаллиф ба мавзӯи интихобкардааш муносибати илмӣ ва таҳлилӣ зоҳир намудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзӯи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» таҳқиқоти илмии дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба ҳалли масъалаҳои муҳими рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт равона шудааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, диссертатсияи мазкур ба талаботи муқаррарагардида ҷавобгӯ буда, Раҳимзода Ҷурабек Раҳим барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

Муқарриз:
Номзадзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи молия ва қарз дар комплекси
агросаноатии Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Олимов А.Х.

Имзои н.и.и., дотсент Олимов А.Х. – ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 146
Tel./Fax.: (992-372) 24 72-07
E-Mail.: rectortau31@mail.ru

Scanned with CamScanner